# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

Рушди технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ ба соҳаҳои гуногуни ҷомеа таъсири мусбат ва манфии худро мерасонад. Солҳои охир истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, сомонаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои компютерии таълимӣ барои беҳтар гаштани таҳсилот, омӯзиши илми муосир, истифодаи амалии маводи омӯхташуда дар фаъолияти касбӣ мусоидат намуда, афзалиятҳои бешумори худро исбот менамояд. Дар баробари ин, ҷанбаи дигари масъала низ вуҷуд дорад. Яъне, коҳиш ёфтани худомӯзию худтакмилдиҳӣ, масъулиятшиносӣ дар илмомӯзӣ,равона сохтани вақти зиёд ба истифодаи бемаврид ва беманфиати сомонаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби қишри ҷавони ҷомеа тарафи дигари масъаларо метавонад равшан созад.

Бовуҷуди рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, яке аз муҳимтарин воситаҳои илмомӯзӣ дар таҳсилоти муосири ҷаҳон мутолиа ва хониши китоб маҳсуб меёбад. Маҳз тавассути хондан шахс метавонад ташаккури рушди рушд дода, қобилиятҳои фикрронӣ, таҳлилу хулосабарорӣ ва соҳиби донишу маҳорат шуданро аз даст надиҳад. Яке аз иқдомҳои роҳбарияти олии мамлакат, роҳандози намудани озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” низ метавонад шаҳодати гуфтаҳои боло бошад.

Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳқиқоти илмии худро дар се марҳила (солҳои 2020-2024) анҷом дода, натиҷаи онро дар шакли диссертатсия омода кардааст. Диссертатсия аз се боб ва зербобҳо иборат буда, дар ҳаҷми 202 саҳифа таълиф шудааст. Дар автореферати диссертатсия тамоми масъалаҳои таҳқиқот мухтасар дарҷ гардида, муҳтавои умумии диссертатсияро инъикос менамояд.

Боби аввал «Асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ» номгузорӣ шуда, заминаҳои назариявии таҳқиқот, таваҷҷуҳ ва назари олимони соҳа нисбат ба масъалаи таҳқиқ пешниҳод гардидааст.

Дар қисмати мазкур асосҳои илмӣ-назариявии мавқеи хониши мустақилона дар раванди омӯзиши забони англисӣ ва таъсири он ба аз худкунии луғатҳо ва ғанисозии фонди луғавии хонандагони синфҳои болоӣ матраҳ гардидааст.

Боби дуюм «Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ» унвон гирифта, қисмати амалии таҳқиқот ба шумор меравад. Дар ин қисмат Ф.Х. Ҳаитматов ба масъалаи меъёру талаботҳо оид ба интихоби матни хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ ва системаи машқҳо барои ғанигардонии захираи луғавии хонандагон аҳамияти таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои он» фарогири натиҷаи озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаи он мебошад. Унвонҷӯ дар диаграммаҳо натиҷаи таҳқиқотҳо ба хубӣ инъикос намуда, ҳар яки онро тарҳу тавзуҳ додааст. Қисмати назариявӣ, иҷрои корҳои амалӣ ва истифодаи роҳу усул ва методҳои пешниҳодгардида дар раванди ташкил ва баргузории озмоиши таҷрибавӣ пайдарҳамкии мантиқии бобҳои кори илмиро нишон медиҳад.

Автореферат маълумоти диссертатсияро мушаххас, аммо бо услуби хуб ва риояи талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дарҷ менамояд. Ҳаҷми интишороти унвонҷӯ бошад аз он дарак медиҳад, ки мавсуф дар ҳама давраҳои фаъолияти таҳқиқотӣ натиҷаҳои назаррас нишон додааст.

Ба яке аз масъалаҳои муҳими таълими забони англисӣ, азхудкунии луғат ва масъалаи дигари ин раванд, ҷалби хонандагон ба хониши мустақилона шаҳодати он аст, ки унвонҷӯ масъулияти татбиқи барномаҳои соҳавии давлатӣ, ба монанди “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”-ро ба хубӣ эҳсос намуда, дар амалӣ гаштани он саҳм гузоштааст.

Дар баробари муваффақиятҳодар автореферати диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович баъзе камбудиҳои ҷузъиро низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар манти тоҷикии автореферат баъзе хатогиҳои техникӣ (саҳ. 10, 13, 22) ба назар мерасанд.

Манти русии автореферат дорои хатогиҳои грамматикӣ ва техникӣ (саҳ. 35, 41, 44) мебошад.

Камбудиҳои мавҷудбуда ислоҳшаванда мебошанд ва ба сифату арзиши кори илмӣ чандон таъсир намерасонанд.

Таҳқиқоти Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида маҳсуб ёфта, дар умум, ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ба иҷро расонида шудаанд.

Автореферати диссертатсияи илмии Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ба талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ азрӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқарриз**,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба тарбияи
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Аҳмадзода Бунафша Саймузафар

30.08.25

**Маълумот барои тамос:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи А. Ҷомӣ, Тел.+992 985053454,
+992 2278355; Почтаи электронӣ: abunafsha@mail.ru

Имзои Б.С. Аҳмадзодаро тасдиқ мекунам,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо10,
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ
Тел.: +992 (37) 221-35-11
Сомона: https://web.ttu.tj/tj
Суроғаи эл.: info@ttu.tj